“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э. С.
_______________
28 марти соли 2025

**НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ № 08**
**ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 28 марти соли 2025 ш. Душанбе

**Иҷрокунандаи вазифаи раисикунанда:** Ғаффорзода И. Ғ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ).

**Котиби ҷаласа:** Ҳакимов Я. Б. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

Иштирок намуданд: Ғаюрзода Ш. К. – профессор, мудири кафедра, профессорони кафедра: Тағойназаров Ш. Т., Маҳмудзода М. А., Ғаффорзода И. Ғ., Қосимов Ф. А., дотсентон: Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонов Қ. Б., Саидов Ҳ. М., Соҳибзода М. М., муаллими калон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Мирзомуродзода Д. Г., ассистентон: Ҷӯраев А. Ш., Шерзода Б. С., Нарзуллоев Ф. Ҷ., Қодирзода С. С., Ҳакимов Я. Б., мудири кабинети таълимӣ – Саидов Ш. У., Дилрабои Абдуҷаббор – лаборанти кафедра.

**Рӯзномаи ҷаласаи кафедра:**

Муҳокимаи диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии

танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Роҳбари илмӣ Ғаюрзода Ш. К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Шунида шуд:** оид ба масъалаи рӯзномаи ҷаласа унвонҷӯй Азимзода Ҳ. Р. баромад намуд. Вай дар баромади худ оид ба сохтори диссертатсия, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи он бо барномаҳо ва ё мавзӯъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ муайян гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати иҷрои кори илмӣ ба ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзӯи илмӣ маълумот дод. Маълум гардид, ки бори аввал шартномаи хариду фурӯши чакана, пас аз қабул шудани қисми 2 Кодекси граждании (минбаъд - КГ) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, таҳти № 884, мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шуд. Ин аввалин қадам дар самти танзими ҳуқуқии ин шартнома мебошад. Зеро то ин вақт мафҳуми расмии ин шартнома ва меъёрҳои алоҳидае, ки шартномаи мазкурро танзим менамоянд, дар сатҳи зарурӣ амал намекарданд, норавшанӣ ва маҳдудият дар танзими ин шартнома ҷой доштанд. Бо қабул шудани қисми 2 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилот аз байн рафт, ин шартнома ҳамчун як намуди мустақили шартномаи ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шуд. Аммо таҳлили зербоби дуюм боби 29 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ), ки

шартномаи хариду фурӯши чаканаро танзим мекунад, нишон медиҳад, ки баъзе камбудиҳо дар меъёрҳои алоҳидаи он дида мешавад, ки онҳо пас аз қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) бартараф карда шуданд.

Аз 1 июли соли 2023 танзими шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи меъёрҳои КМ ҶТ ба роҳ монда шудааст. Дар КМ ҶТ муқаррароти зербоби 2 боби 35 «Шартномаи хариду фурӯши чакана» дар м. 560 -570 пешбинӣ шудааст. Бояд зикр намуд, ки муқаррароти боби 35 КМ ҶТ хусусияти омехта дошта, танзими намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашёро фаро мегирад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз вазифаҳои «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 октябри соли 2023, № 503, тасдиқ карда шудааст, «ин фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии рушди низоми логистика ва таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ», мебошад. Ташаккули низоми логистика барои устувории хариду фурӯши чакана дар бозори истеъмолӣ ва пешгирии норасоии баъзе ашёҳои ниёзи мардум, мусоидат мекунад.

Яке аз роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шартномаи хариду фурӯши чакана ин танзими зерқонунии он мебошад. Бояд зикр намуд, ки нисбати танзими ин шартнома санадҳои меъёрии хуқуқии алоҳида қабулшуда, амал мекунанд. Аммо пайдоиши шаклу тарзҳои муосири хариду фурӯши чакана, қонунгузории он ба такмил ниёз дошта, зарурати қабули қонун ва як қатор санадҳои нави зерқонуниро дар ин самт тақозо менамояд. Новобаста аз амали санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар самти танзими ҳуқуқии ин шартнома, баъзе мушкилот ба назар мерасад. Қайд мегардад, ки «баробари рушди қонунгузорӣ, волоияти қонун низ таҳким ёбад».

Нақши муҳимро дар танзими ин шартнома Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, № 72 ва дигар

санадҳои меъёрии ин соҳа иҷро менамоянд. Аммо қонуни мазкур ва санадҳои зерқонунии он зарурат ба такмил доранд. Холигӣ дар танзими ҳуқуқӣ боиси он шудааст, ки бисёри навъҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашёҳои алоҳида мавриди танзим қарор нагирифтааст. Чунин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар кишвар шартномаи хариду фурӯши чакана дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор дорад.

Таҳлилҳои мавзӯи мазкур нишон дод, ки дар кишвар ба таҳқиқу баррасии паҳлуҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чакана ба таври комплексӣ касе машғул нашудааст. Таҳқиқотҳои алоҳида дар алоқамандии ин шартнома бо дигар воситаҳои инфиродии танзим анҷом дода шудаанд, вале онҳо масъалаҳои асосии ин шартномаро инъикос намекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои дар боло зикргардида баёнгари он мебошанд, ки мавзӯи мазкур ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам буда, интихоби он муҳим мебошад.

Баъди баромади унвонҷӯй ба ӯ аз ҷониби профессори кафедра Ш. Т. Тағойназаров ва дотсенти кафедра Саидов Ҳ. М. саволҳо дода шуд. Ҷавобҳои унвонҷуй қаноатмандкунанда буданд.

Баъди саволу ҷавоб, роҳбари илмӣ, профессор Ғаюрзода Ш. К. баромад намуд. Вай дар суханронии худ қайд намуд, ки шартномаи хариду фурӯши чакана бори аввал дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода шудааст. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, мундариҷа, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти (маъхазҳо) - и истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Дар он интишороти унвонҷӯй аз рӯи мавзӯи диссертатсия ҷойгир шудааст.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи диссертатсия нишон медиҳанд, ки номи мавзуи диссертатсия ва мазмуни он пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; хуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат доранд.

Унвонҷуй оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст.

Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки довталаб аз соли 2014 то инҷониб ба таҳқиқи мавзӯи шартномаи хариду фуруши чакана машғул буда, дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст. Аз фанни «Ҳуқуқи мадани» ба донишҷӯёни факултети таърих ва ҳуқуқ, сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Вай муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шудаанд.

Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2, 6 ч. ч. мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботҳои додани дараҷаи илмӣ, овардани иқтибосҳо ба асарҳои истифодашуда ва одоби илмӣ ҷавобгуй буда, аз аъзоёни кафедра хоҳиш намуданд, ки унвонҷуйро дастгирӣ намоянд.

Доир ба масъалаи мазкур Ғаффорзода И. Ғ. – иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷаласа ба маълумоти ҳозирин расонид, ки Азимзода Ҳ. Р. соли 2007 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ – ро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Мавзӯи диссертатсияи ӯ бо қарори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 30 – юми октябри соли 2017, тахти № 3 (16 - 17)

тасдиқ шудааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм”, баҳо “Хуб”, аз 12. 05 соли 2018, “Забони хориҷӣ” (олмонӣ), баҳо “Аъло”, аз 11. 09 соли 2018 ва ихтисос (12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), баҳо “Аъло”, аз 25. 02 соли 2025, аз ҷониби ДМТ дода шудааст (03.03 соли 2025, № 17.).

Доир ба рисолаи номбурда профессор Тағойназаров Ш., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидов Ҳ. М. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калон Мирзомуродзода Д. Г., баромад намуданд. Маълум гардид, ки баъди муҳокимаи аввали диссертатсия дар кафедра камбудиҳои ҷойдошта бартараф шудаанд ва пешниҳод шуд, ки диссертатсияи мазкур ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Сипас сухан ба Ҳиматов Ҳ. Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дода шуд. Баромадкунанда иброз намуданд, ки масъалаҳои шартномаи хариду фурӯши чакана аввалин маротиба тибқи боби 35 “Хариду фурӯш” (моддаҳои 521 - 559) ва зербоби 2 “Хариду фурӯши чакана” (моддаҳои 560 - 572) КМ ҶТ мавриди таҳқиқоти илмӣ гардида, дар он масъалаҳои асосии объекти шартнома, иҷрои шартномаи мазкур ва унсурҳои муҳимми он таҳлил ва хулосабарорӣ шудаанд.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботҳои амалкунанда ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода мешавад.

Қосимов Ф. А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедра дар баромади худ қайд намуданд, ки барои танзими бозори ашёҳои истеъмолӣ, интихоби тарафҳо, тартиби қабули ашёи интихобшуда ва ҳимоя манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон шартномаи хариду фурӯши чакана аҳамияти муҳими иҷтимоӣ доранд. Дар диссертатсия

муҳокимашуда ба масъалаҳои дар боло зикршуда диққати махсус дода шудааст ва пешниҳодҳои унвонҷӯй боэътимоднок мебошанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи Азимзода Ҳ. Р. дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Дар охир номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ. Б. баромад намуда, қайд намуданд, ки мавҷуд набудани нуқтаи назар ва андешаи ягона оид ба мафҳуми ашё, мафҳум, моҳият ва табиати шартномаи хариду фурӯши чакана, хусусият ва функсияҳои он, хизматрасониҳои иловагии аз тарафи фурӯшанда - соҳибкор пешниҳодшаванда, муаммоҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин, диссертатсияи анҷомдодашуда ба масъалаҳои болозикр посухдода, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии зикршуда тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, кафедра **қарор кард:**

1). Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асари таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботҳои бандҳои 31 – 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

2). Диссертатсияи мазкур ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – и назди ДМТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шуд.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст: “тарафдор” – 17 нафар; “зид” – 0; “бетараф” – 0.

**Иҷрокунандаи вазифаи раисикунанда:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори**
**кафедраи ҳуқуқи мадании факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ** **Ғаффорзода И. Ғ.**

**Котиби ҷаласа, ассистенти кафедра:** **Ҳакимов Я. Б.**

**Имзоҳои Ғаффорзода И. Ғ. ва Ҳакимов Я. Б. – ро**
**“тасдиқ мекунам”**

**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Шодихонзода Э. Ш.**